# ТАҚРИЗ

ба автореферат ва диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Суриева Шакармо дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров” аз дидгоҳи талаботи замон ва авзои хатарзои ҷаҳони муосир ҷиҳати дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия намудани насли наврас муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар шароити кунунӣ камолоти инсон бе ҷаҳонбинии васеъ, бе дониши комил оид ба Ватан, ватандорӣ, таърих, гузаштаю имрӯзи кишвар ғайри имкон аст. То ки Ватан, қудрату бузургӣ ва шуҳрати он чун чеҳраи модари меҳрубону падари ғамхор, чун олами зебоӣ шинохта шавад, мо бояд ба қадри Ватан расем. Шинохти Ватан ва рушди шуури ватандӯстӣ Ватанро ободу гул-гул- шукуфон мекунад, ки ин бевосита вазифаи асосии мактабу маориф ба шумор меравад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд зикр намуд, ки унвонҷӯ ҷанбаҳои педагогӣ, восита ва шаклҳои омӯзиши осори ниёгон, махсусан, асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуровро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда, собит намудааст, ки зимни омӯзиши осори таърихию фарҳанги гузашта ва бо донистани марзу бум ва аҷдоди хеш, корномаи гузаштагон дар роҳи озодиву истиқлол, худогоҳиву худшиносӣ ва эҳсоси ватандории насли ҷавон ташаккул меёбад ва устувор мегардад.

Муҳаққиқ бо иҷрои вазифаҳои тадқиқот ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ба навгониҳои илмии зерин дастёб шудааст:

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуровро, ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок кардааст;

- бори аввал барномаи озмоиши махсуси омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагонро таҳия намуда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор додааст ва самарабахшии таҳқиқотро собит намудааст;

- тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров фаъолиятҳои тарбиявию беруназсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда, ба ин васила роҳҳои ташаккули худогоҳиву худшиносии хонандагон ва тарбияи ҳисси амиқи ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватанро миёни онҳо дақиқ ва ба омӯзгорон пешниҳод гардонидааст.

Аз ин ин рӯ, таҳқиқоти зикршуда муҳим ва дархӯри ниёзҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар мебошад.

Унвонҷӯ дар раванди тадқиқот дар заминаи таҷриба ва мушоҳидаҳо маълумоти боэътимодро аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас намуда, фаъолияти омӯзгоронро дар самти омӯзиши асари “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров таҳлил намудааст ва бо хонандагон оид ба мазмуну мундариҷаи асари зикршуда суҳбату вохӯриҳо баргузор карда, тавассути озмоишҳо масъалаҳои дар фарзияи таҳқиқот баррасишударо санҷидааст.

Аҳаммияти назариявии тадқиқоти илмии Суриева Шакармо дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ раванди фаъолияти таълимӣ ва шароит, нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мавриди таҳлил қарор дода, мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуровро дар ташаккули эҳсоси ватандӯстии наврасону ҷавонон низ муайян кардааст. Ҳамчунин, дар заминаи озмоишҳои педагогӣ самарабахшии омӯзиши асари“Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуровро дар рушди тарбияи ватандӯстии насли ҷавон таъкид намудааст.

Аҳамияти амалии тадқиқоти унвонҷӯ дар он аст, ки ӯ дар раванди фаъолияти корҳои беруназдарсии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагонро аз нигоҳи илмӣ асоснок намуда, нишондиҳандаву сатҳҳоеро ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, номбар кардааст. Ҳамчунин,роҳҳои ташаккули худогоҳӣ, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавассути омӯзиши асари зикршуда бо тавсияҳои илмӣ- методӣ пешниҳоди омӯзгорони ҷумҳурӣ намудааст.

Натиҷа ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастур инъикос ёфтаанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар фавқзикршуда, диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевнаро дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров" метавон таҳқиқоти илмии мустақилона баохир расида ҳисобид. Инчунин ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мазкур ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои
педагогӣ, профессори кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода С. Шербоев

**Маълумот барои тамос:**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел. +992 908 225 559;

Имзои Саидбой Шербоевро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ-и МДТ ДБЗХТ ба номи
Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.